ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ТАШАККУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ САБЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ТАШАККУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ САБЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ИЛМИЮ ТАДҚИҚОТИИ РУШДИ УСТУВОР ВА ИҚТИСОДИ САБЗ**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ТАШАККУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ САБЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(МОНОГРАФИЯ)**

**Душанбе-2025**

УДК: 327.8(575.3)
ББК: 66.4
К 93

**Муаллиф**
Қурбонзода Зулфия Маҳмаднабӣ – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, муовини директори Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Муҳаррири масъул**
Шарофзода Ф.Р. – д.и.и., профессор, директори Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Муқарризон**
Хидирзода М.У. – д.и.ф., профессор

Каримов Ш.Т. – д.и.с., профессор

*Бо қарори Шурои илмии Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 26 июни соли 2025, № 6 ба чоп тавсия шудааст*

Қурбонзода З.М. Пешвои миллат ва ташаккули дипломатияи сабзи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Монография. – Душанбе: «Душанбе Арт», 2025. – 295 с.

Монография ба таҳқиқ нақши калидии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар ташаккул ва рушди самти экологии сиёсати хориҷии кишвар бахшида шудааст. Бо такя ба доираи васеи манбаъҳои илмӣ ва амалии мавҷуда, ҳуҷҷатҳои расмӣ, қатъномаҳои байналмилалӣ ва маводҳои таҳлилӣ, дар асар таҳлили амиқи раванди ташаккули дипломатияи сабз ҳамчун яке аз самтҳои стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар шароити мураккаби асри XXI анҷом дода шудааст.

Таваҷҷуҳи хос ба сиёсати дурандешонаи Сарвари давлат, ҷаҳонбинии экологии ӯ ва ташаббусҳои байналмилалӣ ба унвони омили асосӣ дар ташаккули дипломатияи сабз равона шудааст. Дар меҳвари таҳқиқот масъалаҳои дипломатияи об, пешбурди Ҳадафҳои рушди устувор, иштироки фаъол дар созишномаҳои ҷаҳонии иқлимӣ, ташаббусҳои бесобиқа оид ба ҳифзи пиряхҳо ва нақши Пешвои миллат ҳамчун ибтикоркунандаи қатъномаҳои муҳими экологии Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қарор доранд. Таъкид мегардад, ки маҳз ба шарофати сиёсати пайгирона ва самти стратегии Пешвои миллат, Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи фаъол, шоистаи эҳтиром ва эътирофи байналмилалиро дар рӯзномаи экологии ҷаҳонӣ соҳиб гардид. Ифтихори миллӣ он аст, ки таҳти роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишвар ба манбаи ташаббусҳои эътирофшудаи байналмилалӣ табдил ёфт, ки ҳадафи ҳифзи захираҳои табиӣ, густариши ҳамкории фаромарзии обӣ ва таҳкими амнияти экологиро дорад.

Монография ба мутахассисон ва коршиносони соҳаҳои муносибатҳои байналмилалӣ, дипломатия, сиёсати экологӣ ва рушди устувор, инчунин ба доираи васеи хонандагоне, ки ба сиёсати хориҷии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, дипломатияи иқлимӣ ва пешсафии стратегӣ дар пешбурди ҳалли ҷаҳонии масъалаҳои экологӣ таваҷҷуҳ доранд, манзур мегардад.

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА……………………………………………………...…….** **5**

**БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ДИПЛОМАТИЯИ САБЗ…................…...…………………** **7**

1.1. Моҳият ва таҳаввули дипломатияи сабз....…………………………... 7

1.2. Ҷанбаҳои байналмилалию ҳуқуқии дипломатияи сабз....…………... 20

1.3. Дипломатияи сабз ҳамчун воситаи таъмини рушди устувор…......... 39

1.4. Тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи дипломатияи сабз.......……………..... 56

1.5. Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти татбиқи дипломатияи сабз............................................................................................................ 71

**БОБИ II. ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ДИПЛОМАТИЯИ САБЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ДАСТОВАРД ВА ТАШАББУСҲО…** **86**

2.1. Саҳми Пешвои миллат дар рӯзномаи ҷаҳонии экологӣ.......……..... 86

2.2. Пешвои миллат ва рушди дипломатияи сабзи Тоҷикистон.....…….. 119

2.3. Барнома ва стратегияҳои миллӣ дар соҳаи рушди устувор ва ҳифзи муҳити зист.............……………………………………………...... 132

2.4. Ҳамкории Тоҷикистон бо созмону фондҳои байнналмилалӣ............ 150

2.5. Рушди ҳамкориҳои минтақавии экологӣ............................................ 179

**БОБИ III. ТАШАККУЛИ НУФУЗ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ДИПЛОМАТИЯИ САБЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН…....………** **197**

3.1. Пешвои миллат ва ташаккули нуфузи Тоҷикистон дар соҳаи дипломатияи сабз.......………………………………………………… 197

3.2. Иқтидори иқтисодии Тоҷикистон дар самти гузариши сабз……….. 208

3.3. Илм, маориф ва дипломатия ҳамчун муҳаррики рушди устувор.…. 248

3.4. Таъсири омилҳо ба самаранокии татбиқи дипломатияи сабз............. 264

3.5. Таҳкими нақш ва пешсафии Тоҷикистон дар соҳаи дипломатияи сабз.......…………………………………………………........................ 276

**ХУЛОСА............……………………………………………………..** **285**

**РӮИХАТИ АДАБИЁТ.........................................……………………..** **288**

# МУҚАДДИМА

Дар муносибатҳои байналмилалии муосир масъалаҳои экологӣ мавқеи хеле муҳим пайдо намуда, ба ҷанбаи марказии сиёсати ҷаҳонӣ ва унсури таркибии он табдил ёфтаанд. Воқеан ҷаҳон имрӯз бо мушкилоти бесобиқа дучор гардиааст, ки бо тағйирёбии иқлим, вайроншавии захираҳои биологӣ, коҳиши масоҳати пиряххо ва таҳдид ба амнияти обию озуқаворӣ вобаста мебошанд. Ин равандҳо дар заминаи рақобати афзоянда барои захираҳои табиӣ, афзоиши аҳолӣ ва урбанизатсия сурат гирифта, таъмин намудани ҳадафҳои рушди устуворро боз ҳам душвортар мегардонанд. Ҳамаи ин, зарурати бознигарии усулҳои анъанавии сиёсати хориҷиро ба миён гузошта, тақозои ҷорӣ намудани равишҳои навини ҳамкориҳои дипломатиро ба миён меорад, ки яке аз онҳо дипломатияи сабз мебошад.

Дипломатияи сабз ҳамчун самти нави сиёсати хориҷӣ гузариш аз манфиатҳои кӯтоҳмуддати геополитикӣ ба стратегияҳои дарозмуддатро инъикос менамояд, ки ба устувории экологӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиии наздисарҳадӣ ва татбиқи Ҳадафҳои ҷаҳонии рушди устувор равона шудаанд. Ин падида маҷмӯи саъю талошҳои хориҷии давлатро дар самти пешбурди манфиатҳои экологӣ, ҷалби дастгирии байналмилалӣ барои амалӣ намудани барномаҳои ҳифзи муҳити зист ва ташаккули имиҷи мусбати кишвар ҳамчун иштирокчии фаъол дар гуфтугӯи ҷаҳонии экологиро фаро мегирад. Дар ҷаҳони муосир, ки дипломатия хусусияти ҳарчи бештар бисёрпаҳлӯ пайдо мекунад, дипломатияи сабз нақши муҳими пайвандгари байни сиёсат, иқтисод, илм ва экологияро иҷро менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дипломатияи сабз бо шарофати нигоҳи стратегии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушду такомул меёбад. Маҳз бо роҳбарии ӯ самти хосаи сиёсати хориҷии кишвар ташаккул ёфтааст, ки дар меҳвари он эътирофи нақши ҳалкунандаи захираҳои табиӣ, пеш аз ҳама об, ҳамчун омили калидии сулҳ, субот ва рушди минтақавӣ қарор дорад. Маврид ба зик ва ифтихор аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо такя ба ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат, ташаббускори як қатор иқдомоти муҳими байналмилалӣ гардидааст, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ бо дастгирии васеъ пазируфта шудаанд.

Яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати давлатӣ, ки аз ҷониби Сарвари давлат пайгирона пеш бурда мешавад, ин муаррифии Тоҷикистон ҳамчун пешоҳанги раванди ҷаҳонии ҳифзи муҳити зист мебошад. Ин мавқеъ дар ташаббусҳои бузурге, чун эълони Даҳсолаи байналмилалии амалҳо «Об барои рушди устувор» (солҳои 2018-2028), Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо (соли 2025) ва баргузории як қатор конфронсҳои сатҳи баланд дар шаҳри Душанбе бо иштироки роҳбарони ҷаҳонӣ, олимон ва фаъолони экологӣ ифода меёбад. Ин дастовардҳо натиҷаи сиёсати амиқ андешидашуда ва ҳадафмандонаи дипломатияи Пешвои миллат мебошанд, ки ба ҷаҳонбинии экологӣ, асоснокии илмӣ ва равиши башардӯстона такя доранд.

Дипломатияи сабзи Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо воситаи сиёсати хориҷӣ, балки ҷузъи муҳими модели миллии рушди устувор ба шумор меравад. Омилҳои экологӣ дар ҳуҷҷатҳои муҳими стратегии кишвар, аз ҷумла дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Барномаи мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2023-2037 ва дигар санадҳо ҷой дода шудаанд. Бо ин васила, ягонагии низоми рӯзномаи дохилӣ ва хориҷии экологӣ таъмин мегардад, ки ба таҳкими иқтидори институтсионалӣ, сафарбарсозии захираҳо ва болоравии обрӯи байналмилалии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Монографияе, ки пешниҳод мегардад, ба таҳлили илмии ҳамаҷонибаи ин падида дар заминаи воқеиятҳои муосири ҷаҳонӣ бахшида шудааст. Дар он асосҳои консептуалии дипломатияи сабз, механизмҳои сиёсиву ҳуқуқии ташаккули он, ташаббусҳои мушаххаси байналмилалӣ ва платформаҳои дипломатӣ бо такя ба сарчашмаҳои аслӣ, маводи таҳлилӣ ва суханрониҳои расмии Сарвари давлат баррасӣ мегарданд.

Мубрамияти мавзуъ дар он аст, ки дар шароити афзоиши фишори экологӣ ва мушкилоти ҷаҳонӣ, маҳз он кишварҳое, ки иқдомоти устувору аз ҷиҳати мантиқӣ қобили қабулро пешниҳод менамоянд, имкониятҳои иловагӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ пайдо мекунанд. Барои Тоҷикистон, ки дорои захираҳои бузурги обӣ ва осебпазирии баланди экологӣ мебошад, дипломатияи самараноки сабз роҳи ба эътироф расидан, ҳамкорӣ ва пешсафиро дар минтақа ва ҷаҳон мекушояд.

Ҳадафи асосии монография асосноккунии илмии нақши Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар рушди дипломатияи сабзи Тоҷикистон, ошкор намудани аҳамияти он ҳамчун воситаи стратегии сиёсати хориҷӣ ва таҳлили дурнамои пешсафии минтақавӣ ва ҷаҳонии экологӣ мебошад. Вазифаҳои калидии тадқиқот аз гурӯҳбандии мафҳумӣ, арзёбии ташаббусҳо ва барномаҳои мушаххас, таҳлили ҳамкории байналмилалӣ, муайянсозӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати тақвияти фаъолияти дипломатӣ дар соҳаи рушди устувор иборат мебошанд.

Сохтори монография аз се боб иборат аст. Дар боби аввал асосҳои назариявию методологии дипломатияи сабз ҳамчун падидаи низоми муносибатҳои байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд. Боби дуюм хусусиятҳои ташаккул ва рушди дипломатияи сабзи Тоҷикистон, нақши Пешвои миллат дар ташаккул ва рушди он, ташаббусҳои асосӣ ва механизмҳои институтсиониро фаро мегирад. Боби сеюм ба таҳлили дурнамои таҳкими пешсафии кишвар дар соҳаи экология ва ташаккули платформаҳои устувори ҳамкории дипломатӣ бахшида шудааст.

Ҳамин тавр, ин таҳқиқот ба дарки амиқ ва таҳлили низомии нақши Пешвои миллат дар табдил додани рӯзномаи экологӣ ба роҳи устувори дипломатӣ равона шудааст, ки на танҳо манфиатҳои миллӣ, балки саҳмгузорӣ дар ташаккули ҷаҳони сабз ва устуворро ҳадаф қарор медиҳад.

# ХУЛОСА

Монографияи «Пешвои миллат ва ташаккул дипломатияи сабзи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти мукаммали илмиест, ки ба таҳлили бонизомд ва институтсионалии ташаккули сиёсати хориҷии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар заминаи таҳдидҳои ҷаҳонӣ, ки аз шиддатёбии тағйирёбии иқлим, аз даст рафтани гуногунии биологӣ, камшавии захираҳои об ва бадшавии вазъи экологӣ дар минтақаҳои фаромарзӣ сарчашма мегиранд, Тоҷикистон, бо вуҷуди маҳдудияти манобеи молиявӣ, мавқеи фаъоли байналмилалии худро дар пешбурди ташаббусҳои сабз нишон дод.

Дар шароити асри XXI масъалаҳои экологӣ аҳамияти хоса касб намуда, берун аз доираи анъанавии масъалаҳои амниятӣ, тиҷоратӣ ва сиёсӣ қарор гирифтаанд. Имрӯз хавфҳои иқлимӣ, камшавии захираҳои табиӣ, ифлосшавии муҳит, аз байн рафтани гуногунии биологӣ ва таназзули экосистемаҳо ҳамчун таҳдидҳои мустақим ба рушди устувор, суботи давлатӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ арзёбӣ мегарданд. Дар гузоришҳои Гурӯҳи байниҳукуматии коршиносон оид ба тағйирёбии иқлим, қатъномаҳои Маҷмаи Умумии СММ ва ҳуҷҷатҳои стратегии дигар созмонҳои байналмилалӣ таъкид мешавад, ки оқибатҳои манфии тағйирёбии иқлим бештар дар шакли падидаҳои фавқулодаи обу ҳаво, бухрони обӣ, муҳоҷират, бархӯрди манфиатҳо барои захираҳои табиӣ ва афзоиши осебпазирии давлатҳои рӯ ба рушд зуҳур мекунанд.

Бар асоси маълумоти Барномаи СММ оид ба муҳити зист, дар шароити муосир масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим бояд ҷузъи ҷудонопазири амнияти ҷаҳонӣ ҳисобида шаванд. Маҳз бо ҳамин сабаб, ҷузъи экологӣ имрӯз ба таври фаъол ба созишномаҳои байналмилалӣ, шартномаҳои тиҷоратӣ, стратегияҳои сармоягузорӣ ва барномаҳои ҳамкории байнидавлатӣ ворид гардидааст. Дар ин замина шакли нави сиёсати хориҷӣ ташаккул ёфтааст, ки онро «дипломатияи сабз» меноманд. Он ҳамчун воситаи ҳамоҳангсозии талошҳои кишварҳо барои ҳифзи муҳит, пешбурди роҳҳои устувори истифодаи захираҳои табиӣ ва таҳияи қарорҳои муштарак нисбат ба таҳдидҳои глобалии экологӣ арзёбӣ мешавад.

Дар шароити афзоиши ҳамгироии ҷаҳонӣ ва хусусияти фаромарзии хатарҳои экологӣ, дипломатияи сабз ба унсури муҳими робитаи байни сиёсати хориҷӣ, илмҳои экологӣ, манфиатҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқи инсон табдил ёфтааст. Он воситаи муҳими густариши муколамаи байнидавлатӣ, пешбурди ташаббусҳои миллӣ, ҷалби сармоя ва дастрасӣ ба механизмҳои молиявии байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, тавассути механизми дипломатияи сабз давлатҳо мекӯшанд имиҷи мусбати байналмилалии худро тақвият бахшанд ва худро ҳамчун иштирокчиёни масъули раванди экологӣ дар сатҳи глобалӣ муаррифӣ намоянд.

Намунаи муваффақи татбиқи консепсияи дипломатияи сабз фаъолияти як қатор давлатҳо, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда метавонад, ки ҳамчун пешоҳанги

ташаббусҳои байналмилалии экологӣ дар минбарҳои Созмони Милали Муттаҳид баромад намуданд.

Дар шароити муосир дипломатияи сабз имкон медиҳад, ки эътилофҳои устувор байни кишварҳо дар атрофи ҳадафҳои экологӣ ташаккул ёбанд. Ин гуна шаклҳои ҳамкорӣ ба механизми самараноки муттаҳидсозии кӯшишҳои ҷомеаи байналмилалӣ табдил меёбанд. Давлатҳое, ки принсипҳои дипломатияи сабзро фаъолона татбиқ мекунанд, метавонанд ба қабули меъёрҳо, стандартҳо ва ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист низ таъсир расонанд.

Дар монография таваҷҷуҳи махсус ба нақши сиёсиву дипломатии Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон равона шудааст, ки ибтикоркунандаи як қатор ташаббусҳои муҳими байналмилалии экологӣ буда, онҳо дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид эътироф шудаанд. Ин ташаббусҳо на танҳо мавқеи хориҷии кишварро тақвият бахшиданд, балки ба рушди самти нав – дипломатияи обӣ ҳамчун шакли дипломатияи сабз, ки ба ҳамкории устувори фаромарзӣ равона шудааст, мусоидат намуданд.

Дар раванди таҳқиқот ҳам ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва ҳам созишномаҳои байналмилалӣ, ки Тоҷикистон дар онҳо иштирок мекунад, мавриди таҳлил қарор дода шуданд. Ҷойи муҳим дар монография ба таҳлили ислоҳотҳои институтсионалӣ, ки ба ташаккули сохтори устувори иқлимии кишвар равона шудаанд, бахшида шудааст. Таҳлил ҳамчунин масоили маблағгузории сабзро аз ҷумла иштироки Тоҷикистон дар механизмҳои байналмилалии дастгирии молиявӣ дар бар мегирад. Таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба механизмҳои ҳамкории институтсионалии ниҳодҳои давлатӣ, ҷомеаи илмӣ ва шарикони байналмилалӣ дар соҳаи рушди устувор ва сиёсати экологӣ дода шудааст.

Ҳамин тавр, ин монография асосҳои назариявии дипломатияи сабз, аз ҷумла, иртиботи он бо консепсияҳои рушди устувор, амнияти экологӣ ва адолати иқлимиро дар шароити Тоҷикистон низ нишон медиҳад. Бояд зикр кард, ки дипломатияи сабз ҳамчун консепсия ва воситаи амалӣ дар ҳамкории байналмилалӣ таҳаввули сиёсати хориҷиро аз авлавиятҳои рақобати геополитикӣ ба вазифаҳои рушди устувор инъикос мекунад. Он ба таҳкими эътимод байни кишварҳо, ташаккули муносибати одилона ва ҳамбастагӣ дар ҳалли мушкилоти экологӣ мусоидат мекунад ва ҳамзамон ҳамгироии устувори кишварҳои рӯ ба рушдро ба раванди ҷаҳонӣ таъмин месозад. Дар даҳсолаҳои оянда маҳз дипломатияи сабз дар таъмини суботи байналмилалӣ, тақсими одилонаи захираҳои табиӣ ва амалӣ гардидани ояндаи бехатари инсоният нақши калидӣ хоҳад бозид.

Зикр бояд кард, ки бори аввал дар шакли академӣ нақши Пешвои миллат ҳамчун меъмори асосии дипломатияи сабз ва сиёсати хориҷии экологӣ кишвар, ки бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, ӯҳдадориҳои ҷаҳонӣ ва даъватҳои минтақавӣ ташаккул меёбад, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар шароити афзоиши хавфҳои иқлимӣ ва гузариши ҷаҳонӣ ба иқтисоди сабз, дипломатияи сабз барои Тоҷикистон на танҳо воситаи сиёсати хориҷӣ, балки унсури амнияти стратегӣ, рушди устувор ва эътирофи байналмилалӣ мегардад. Давом ва густариши ин сиёсат, ки бар асоси роҳбарӣ, масъулият ва асоснокии илмӣ бунёд ёфтааст, ба кишвар имкон медиҳад, мавқеи худро ҳифз намуда, пешсафии худро дар сохтори экологии байналмилалии асри XXI тақвият бахшад.

Ҳамин тавр, Пешвои Миллат ҳамчун илҳомбахши ислоҳоти дохилӣ дар соҳаи рушди устувор, меъмори сиёсати хориҷии иқлимӣ баромад мекунанд, ки ба Тоҷикистон мақоми иштирокчии фаъол ва обрӯманди муколамаи ҷаҳонии иқлимиро таъмин месозад. Ин имкон медиҳад, ки кишвар манфиатҳои миллии худро дар доираи созишномаҳои байналмилалӣ пеш барад ва ҳамзамон дар ҳалли даъватҳои калидии замони муосир, яъне мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва таъмини дастрасии одилона ба захираҳои табиӣ саҳм гузорад.

Дар таҳқиқот хулоса мегардад, ки муносибати бонизом ба ташаккули дипломатияи сабз, ки бар асоси иродаи неки сиёсии Пешвои миллат, асоснокии илмӣ ва ҳамкории байналмилалӣ сурат мегирад, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ ба сӯйи ояндаи устуворро боз ҳам дурахшон ва шуфузи кишварро дар арсаи байналмилалӣ баландтар хоҳад бардошт.

**Қурбонзода Зулфия Маҳмаднабӣ**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ТАШАККУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ САБЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Монография

Ба чоп 26.06.2025 ба имзо расид. Андозаи 60x84 1/16. Коғази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 18,5. Адади нашр 200.

Нашриёти «Душанбе Арт».